“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”

Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, профессор

_____________Ибодуллозода А. И.

«12» апрели 2025

# ХУЛОСАИ

## ҷаласаи муштараки кафедраи таърихи халқи тоҷик ва кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Диссертатсияи Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ дар мавзуи «Ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ (солҳои 1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D020201- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таҳти № 8/6.2 аз 28 феврали соли 2020 тасдиқ гардида, дар кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии донишгоҳи номбурда иҷро гардидааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи муштараки кафедраи таърихи халқи тоҷик ва кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии ДДОТ ба номи С. Айнӣ аз 25-уми октябри соли 2024, протоколи №3 муҳокима гардида, ба он баҳои мусбат дода шуд.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ ҳамчун докторанти PhD-и кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ ва ассистенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ фаъолият мекард. Имтиҳонҳои маҷмуии докторантураро пурра тибқи накшаи таълимии шуъбаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмӣ - педагогии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ супоридааст.

Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ соли 2016 факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо ихтисоси Муносибатҳои байналхалқӣ. Тарҷумон референти забони англисӣ, зинаи баклавр ва соли 2016 бо ихтисоси таърих зинаи магистратураро хатм намудааст. Номбурда бо фармоиши ректори ДДОТ ба номи С.Айнӣ таҳти №568-ОД аз 12.09.2019 ба шуъбаи докторантура аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - таърих қабул гардида, онро бо фармоиши №293-ОД аз 03.06.2022 хатм намудааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои таърих, мудири кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии ДДОТ ба номи С. Айнӣ Ҳусайнов Аҳмадҷон Қурбонович мебошад.

Диссертатсияи Алимардонзода Зулайхо дар мавзуи «Ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ (солҳои 1991-2021)» дар ҷаласаи якҷояи кафедраи таърихи халқи тоҷик ва кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии ДДОТ ба номи С. Айнӣ баррасӣ гардида, дар муҳокимаи он аъзои кафедраҳо: докторони илмҳои таърих, профессорон Ҳақназаров Абдуназар, Ҳусайнов Аҳмадҷон Қурбонович, номзадони илмҳои таърих, дотсентон Н. Давлатбеков, М. Шарофова, Ғ. Гадоев, М. Шарипов, Д. Негматов, С. П. Сайнаков, М. Ганҷакова, Ё. Исмоилов, С. Ғуломшоев, А. Мусоев, Д. Раҳимзода, Наҷмуддинзода Толибшо, Мирзоев М, Дарвозиева Ҳ. ва унвонҷӯёну докторантон (PhD) - и кафедра, инчунин доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷии ДМТ Турсунов Т.Ф. ва номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷии ДМТ Раҳимов Ф.Д. иштирок ва баромад намуданд.

**Дар рафти муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин қабул карда шуд:**

Диссертатсияи Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ дар таърихнигории тоҷик нахустин таҳқиқоти муфассал доир ба «Ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ (солҳои 1991-2021)» бо забони давлатӣ ба шумор рафта, мавзуъ аз ҷониби муаллиф бо

фарогирии сарчашмаҳо, маводи бойгонии ҷумҳурӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии диссертант ва таҳқиқоти олимони намоёни соҳаи илми таърих мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия мақсад ва вазифаҳои илмӣ пурра иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳои муаллиф асоснок карда шудаанд.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ хулосаҳои зерин пешниҳод шуданд:

**Мубраммии мавзуъи таҳқиқот** дар он арзёбӣ мегардад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои бузургтарин захираҳои гидроэнергетикӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад, ки имкониятҳои назаррасро барои рушди соҳаи гидроэнергетика фароҳам овардааст. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонистанд, масъалаи обӣ-энергетикии кишварро бо дигар ҷумҳуриҳои ҳаммарз, махсусан бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар сатҳи баланд қарор дода, ҳамкориҳои судманду самарабахшро роҳандозӣ намояд. Аз он, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бузургтарин захираҳои обии минтақа ҷойгир шудааст, роҳбарияти олии кишвар ҳеҷ гоҳ барои истифодабарии онҳо ҳамсоягони худро дар канор нагузоштааст.

Бояд қайд намуд, ки ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти аз худ намудани захираҳои табиӣ минтақа, аз ҷумла захираҳои обию энергетикӣ сола аз сол рушду такомул ёфта истодааст. Арзиши умумии иқтидорҳои эҳтимолии захираҳои гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 527,06 миллиард кВт/соат дар як солро ташкил медиҳад, ки ин на танҳо барои худи ҷумҳурӣ, балки дар таъмини обу барқи минтақа истифода мешавад.

Чи тавре дар боло ишора гардид, Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ дар минтақа мебошад, ба густариши ҳамкорӣ бо дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ барои истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва энергетикии худ манфиатдор аст. Ин асосан ба норасоии захираҳои сӯзишвории маъданӣ дар Тоҷикистон иртибот дорад, агар дар

маҷмуъ тамоми минтақаи Осиёи Марказиро ба инобат гирем захираи сӯзишвории маъданӣ барои онҳо кифоя мебошад. Аз рӯи ҷойгиршавии захираҳои сӯзишвории маъданӣ дар ҷуҳуриҳои Осиёи Марказӣ, метавон гуфт, ки агарчи дар онҳо ҳарчанд захираҳои бузург ҷойгир шуда бошад ҳам, нобаробар тақсим шудаанд. Масалан, агар асосии иншоотҳои гидроэнергетикӣ дар Тоҷикистон (тақрибан 70%) ва Қирғизистон (21%) мутамарказ шуда бошанд, тақсимоти дигар захираҳои энергетикӣ дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ чунин аст: захираҳои ангишт асосан дар Қазоқистон (85%), нафт низ дар Қазоқистон (94%), гази табиӣ дар Туркманистон (зиёда аз 40%), дар Ӯзбекистон (тақрибан 30%) ва дар Қазоқистон (28%) мавҷуд аст .

Дар Осиёи Марказӣ бузургтарин иқтидорҳои энергетикӣ дар Қазоқистон мутамарказ шудааст, ки ба он - қариб 48% иқтидори ҳамаи стансияҳо рост меояд, мутаносибан дар Ӯзбекистон - 30%, Тоҷикистон - 11,6%, Қирғизистон - қариб 10 %.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳои самаранок ва судманд дар соҳаи истифодабарии захирахои обӣ-энергетикӣ, инчунин содироту воридоти нерӯи барқи иловагӣ бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ як қатор корҳоро ба анҷом расонидааст. Аз ҷумла, аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои ҳамсоя тавассути 13 хати интиқоли барқи ҷараёни гуногун нерӯи барқ содирот карда мешавад. Масалан, ду ХИБ 500 кВ, шаш ХИБ 220 кВ, чор ХИБ 110 кВ ва як ХИБ 35 кВ бо иқтидори умумии 4570 МВт мавҷуд аст, ки аз он 3500 МВт байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон, 500 МВт байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ва 570 МВт байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мегузарад. Аз инҳо ХИБ 220 кВ «Сангтуда - 1 - Пули Хумри (Афғонистон)», ХИБ 110 кВ «Геран-Қундуз (Афғонистон)», ХИБ 220 кВ «Конибодом-Айгултош (Қирғизистон)» ва ХИБ 110 кВ ва 35 кВ ба Љумҳурии Қирғизистон истифода мешаванд. Аз моҳи апрели соли 2018 бошад содироти нерӯи барқ

ба Љумҳурии Ўзбекистон тавассути ХИБ 220 кВ «Регар-Гулча», «Регар-Денав», «Узловая-Сирдаринская ГРЭС-1», «Узловая-Сирдаринская ГРЭС-2» ва ХИБ 500кВ «Регар-Сурхан» амалӣ мешавад. Ҳаҷми умумии нерӯи барқе, ки аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Ўзбекистон дар соли 2018 содирот карда шудааст 1 млрд. 440 млн. кВт соатро ташкил додааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сохтмони иншоотҳои нави гидроэнергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо барои таъмини минтақа бо оби ошомидани ва обёрикунонии заминҳои ташналаб, рушду пешрафти соҳаҳои гуногуни саноат ва кишоварзӣ, балки дар таъмини онҳо бо нерӯи барқи сифатан арзону безарар ва аз ҷиҳати экологи тоза мусоидат мекунад.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ сохтмони маҷмааҳои гидроэнергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, кўшиши барқарор намудани низоми ягонаи энергетикии Осиёи Марказӣ ҳамчун як омили муҳим дар таҳкими иқтисодиёти миллӣ ва пешрафт, ҳамкории судманд миёни онҳо, мусоидат хоҳад кард.

Таъсиси заминаи ҳуқуқӣ барои рушду пешрафти соҳаи энергетикии кишвар роҳандозӣ карда шуда, як қатор санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи энергетикаи кишвар низ қабул карда шуданд, ки он ба танзими самараноки истеҳсол, интиқол ва фурӯши нерӯи барқ мусоидат намуд. Ин тадбирҳо на танҳо бозори дохилии энергетикиро тақвият бахшиданд, балки ҳузури Тоҷикистонро дар бозорҳои байналмилалӣ низ пеш бурданд, ки имкониятҳои навро барои содироти нерӯи барқ фароҳам оварда, ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои дигарро афзун намуданд.

Умуман, минтақаи Осиёи Марказӣ дорои сатҳҳои гуногуни захираҳои гидроэнергетикӣ мебошад, ки ба рушди энергетикаи ҳар як ҷумҳурӣ таъсир мерасонанд. Ҳамкориҳои судманду самарабахш миёни ин кишварҳо сол аз сол рушд меёбад, дар аз худ намудани захираҳои обию энергетикӣ саҳм мегузоранд, ки ин ба манфиати тамоми халқҳои минтақа мебошад.

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз таҳлили маҷмуӣ ва таърихии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи гидроэнергетика, муайян намудани дараҷаи мутобиқати сатҳи ҳамкории мазкур ба мақсади амалӣ намудани сиёсати берунаи ҷумҳурӣ дар марҳилаи ҳозира, инчунин дар такмилдиҳии фаъолияти байналмилалии давлат барои оянддаи миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлат иборат буда, дар робита ба ин **вазифаҳои** зерин муайян шудаанд:

- баррасӣ ва таҳқиқи иқтидори гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тавозуни энергетикии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ;
- таҳқиқи раванди бунёди иншоотҳои гидроэнергетикӣ ва аҳаммияти онҳо дар тараққиёт ва рушди хоҷагии халқи Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ;
- баррасии бӯҳрони энергетикӣ дар аввали солҳои соҳибистиқлолӣ ва қабули Консепсияи рушди комплекси энергетикии Тоҷикистон;
- таҳлил ва муайян намудани захираҳои обии Осиёи Марказӣ ва мушкилоти иқтисодии истифодаи онҳо барои истеҳсоли энергияи барқӣ;
- баррасӣ ва муайян намудани ҳамкориҳои минтақавии гидроэнергетикӣ дар сармоягузорӣ, лоиҳакашӣ ва истифодаи нерӯи зеҳнӣ – техникӣ;
- мушаххас намудани нақши иншоотҳои гидроэнергетикӣ дар пешрафти иқтисоди кишвар ва минтақа;
- баррасӣ ва мушххас намудани сохтмони НБО Роғун ва аҳаммияти он дар дар таъмини обу барқи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ.

**Навгонии илмии таҳқиқ**. Рисолаи мазкур нахустин кори ҷомеи илмии назариявие мебошад, ки бунёди комплекси гидроэнергетикии Тоҷикистон, захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон дар тавозуни энергетикии Осиёи Марказӣ, таҷрибаи таърихии ҳамкориҳои энергетикии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва бахусус, рушди ин ҳамкориҳоро дар даврони истиқлол ҷамъбаст карда, халои дар ин самт ҷойдоштаро дар таҳқиқоти илмӣ пурра месозад. Илова бар ин, навгониҳои таҳқикот дар нуктаҳои зерин зоҳир мегарданд:

- қисмати бештари маводи рисола бори аввал мавриди таҳлил қарор гирифта, ба онҳо баҳои илмӣ дода шудааст;

- иқтидори гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тавозуни энергетикии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ таҳқиқ ва баррасӣ гардидааст;

- раванди бунёди иншоотҳои гидроэнергетикӣ ва аҳаммияти онҳо дар тараққиёт ва рушди хоҷагии халқи Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ таҳқиқ шудааст;

- буҳрони энергетикӣ дар аввали солҳои соҳибистиқлолӣ ва қабули Консепсияи рушди комплекси энергетикии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст;

- захираҳои обии Осиёи Марказӣ ва мушкилоти иқтисодии истифодаи онҳо барои истеҳсоли энергияи барқӣ таҳлил ва муайян шудааст;

- ҳамкориҳои минтақавии гидроэнергетикӣ дар сармоягузорӣ, лоиҳакашӣ ва истифодаи неруи зеҳнӣ – техникӣ муайян ва баррасӣ шудааст;

- нақши иншоотҳои гидроэнергетикӣ дар пешрафти иқтисоди кишвар ва минтақа мушаххас гардидааст;

- бунёди НБО Роғун ва аҳаммияти он дар таъмини обу барқи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ мушххас ва баррасӣ шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои асосии таҳқиқотро ҳангоми таҳияи асарҳои махсуси бунёдӣ оид ба таърихи муносибатҳои байналхалқӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон истифода намуд. Тавсияҳои илмии дар диссертасия зикрёфтаро барои хондани курсҳои махсус, лексияҳо барои донишҷӯёни муассисаҳои олии касбӣ истифода намуд. Илова бар ин, таҷрибаи таърихии бунёди комплекси низоми гидроэнергетикии ягонаи Осиёи Миёна дар даврони шуравиро метавон дар шароити муосир дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар соҳаҳои ҷомеа, ҳамчунин ҳангоми роҳандозии сиёсати иҷтимоии давлатӣ истифода кард.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Аз рӯйи мазмун ва мундариҷаи худ диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии

доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи 6D020200 - Муносибатҳои байналмилалӣ (6D020201- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ).

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсиониро** маълумотҳои дақиқ, маводи бойгонӣ, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоиса. коркарди муқарраротн назариявӣ ва методӣ таъмин менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар сатҳи навгонии диссертатсионӣ, муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, мақолаҳои илмӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос ёфтааст. Ҳамзамон, тартиб додани нақша ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, саҳми шахсии муаллифро инъикос менамоянд. Натиҷаҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда шахсан аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудаанд.

**Натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаи муҳими диссертатсия дар он аст, ки бори нахуст масъалаи мазкур дар асоси факту далелҳо пурра ва дақиқ таҳлил гардида, дар сурати ҳамин таҳқиқот шакли мукаммалу мушаххасро пайдо кардааст. Диссертатсияи Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ сохтори муназзам, пайдарҳам ва мантиқӣ дошта, бо навгониҳо ва хулосаҳои илмӣ мувофиқат мекунад. Диссертатсия кори мустақилона анҷомдодаи муаллиф ҳисобида мешавад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад.

Мундариҷа ва муҳтавои асосии диссертатсия дар 6 мақолаи зерини нашрнамудаи муаллиф, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, инъикос ёфтааст.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1]. Алимардонова, З. Матлаби Тоҷикистон дар сохтмони Неругоҳи барқи обии Роғун /А.Ҳусайнов, З. Алимардонова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. - № 3 (86). - С. 265-271.

[2]. Алимардонова, З. Шарҳи чанд ҳолат аз таърихи Неругоҳи барқи обии Роғун / А. Хусайнов, З. Алимардонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. - №7. - С. 133-137.

[3]. Алимардонова, З. «CASA-1000»- Пайванди Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ / З. Алимардонова // Паёми Донишгохи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2023. - №8. - С. 42-49.

[4]. Алимардонова, З. Нақши захираҳои обию энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ / З. Алимардонова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. - Душанбе, 2024. - № 5-6 (112-113). – С. 207-2013.

**Мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ба табърасида:**

[5]. Алимардонова, З. Ҳамкориҳои Тоҷикистону Қирғизистон дар сохтмони лоиҳаи «CASA-1000» / З. Алимардонова // Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшидаба 30 - солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Истиқлоли давлатӣ: марҳилаи тақдирсоз дар сарнавишти халқи тоҷик». ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Душанбе, 4-уми сентябри соли 2021. - Душанбе, 2021.- С. 404 - 412.

[6]. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷумҳурии Осиёи Марказӣ дар соҳаи обу энергетика / З. Алимардонова // Маводи конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами талими таърих: мушкилот ва дурнамо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба 115-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров. (ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 23.12.2023). – Душанбе, 2023. - С.303-308.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ дар мавзуи «Ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ (солҳои 1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D020200 - Муносибатҳои

байналмилалӣ (6D020201- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ) таҳқиқоти илмии анҷомёфта ҳисобида шуда, он ба талаботи муқарраргардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаҳои илмӣ комилан ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ дар мавзуи «Ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ (солҳои 1991-2021)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D020200 - Муносибатҳои байналмилалӣ (6D020201- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ) ба ҳимояи кушод дар Шурои диссертатсионии 6D. КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи якҷояи кафедраи таърихи халқи тоҷик ва кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз 25-уми октябри соли 2024 таҳти №3 қабул гардид. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 22 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 22 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Қарори №3 аз 25.10.2024 с.

**Раиси ҷаласа, профессори**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Ҳақназаров Абдуназар**

**Котиби ҷаласа,**
**номзади илмҳои таърих,**
**и.в. дотсент** **Шарофова Мунаввара**

**Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121 ДДОТ ба номи С. Айнӣ, Телефон: (+992) 2241383, Почтаи электронӣ: info@tgpu.tj**

**Тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи С. Айнӣ** **Абдукарим Мустафозода**

12.04.2025